03.02.13 Почвоведение
03.02.13 Почвоведение
03.02.13 Почвоведение

УДК - 58
ББК - 28
Ш - 30

## ТАЪСИРОТИ МАНФИИ АНТРОПОГЕНӢ БА САРВАТИ ЗАМИНИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФНАМОИИ ОНҲО

***Шарипова Саноат Восидовна*** *- PhD докторанти курси дуюми факултети геоэкологияи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”.*

## НЕГАТИВНОЕ АНТРОПОГЕННОЕ ВЛИЯНИЕ НА ЗЕМЕЛЬНЫЕ РЕСУРСЫ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ И ПУТИ ИХ ЛИКВИДАЦИИ

***Шарипова Саноат Восидовна*** *- PhD докторант второго курса факультета геоэкологии ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова»*

## NEGATIVE ANTHROPOGENIC INFLUENCE ON LAND RESOURCES OF THE SOGD REGION AND WAYS OF THEIR ELIMINATION

***Sharipova Sanoat Vosidovna*** *– PhD Doctoral Student of the Second Year of the Faculty of Geoecology of Khujand State University named after B. Gafurov.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *масоҳати гурӯҳҳои заминӣ, нуриҳои минералӣ, партовгоҳои радиактивӣ, заминҳои вайроншуда, барқарорнамоии заминҳо вайроншуда.*

*Дар мақолаи мазкур дар фони маълумотҳо доир ба масоҳати фонди заминӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ, партовгоҳои радиактивӣ ва заминҳои вайроншуда, ки ин ҳама таъсироти манфии антропогенӣ ба сарвати заминӣ арзёбӣ мегардад, чанд роҳҳои беҳтар намудани ҳолати экологии заминҳои истифодашаванда ва самтҳои перспективии тадқиқоти илмӣ пешниҳод мегардад.*

***Ключевые слова:*** *площадь земельных групп, минеральные удобрения, радиоактивные хвостохранилища, нарушение земель, восстановление нарушенных земель .*

*В данной статье на фоне информации о земельном фонде, использовании минеральных удабрений, радиактивных хвостохранилищ и нарушенных землях, где это все оценивается как негативное влияние на земельные ресурсы, предлагаются некоторые пути улучшения экологического состояния использованных земель и перспективные направления научных исследования.*

***Key words:*** *area of land groups, mineral fertilization, radioactive tailing dumps, disturbed lands, restoration of disturbed lands.*

*The article on the background of information about the land fund, the use of mineral fertilizers, radioactive tailing dumps and disturbed lands, where all this is assessed as a negative impact on land resources, some ways of improving the ecological state of the used lands and promising directions of scientific research are proposed.*

*“Замин боигарии асосии мамлакати мост, ояндаи ҷумҳурӣ, ояндаи халқи Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки муносибат ба замин дар кишвари мо чигуна ба роҳ монда мешавад”.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

*Майдони умумии ҳудуди вилоят* ҳамагӣ ба 2518536 га баробар буда, аз он *заминҳои обӣ* - 287502 га-ро ташкил медиҳад. Дар вилояти Суғд майдони заминҳои кишоварзӣ 1095847 га, - заминҳои наздиҳавлигӣ 60509 га, - заминҳои хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ 17894 га, - заминҳои ҷангалу бешазор 95635 га, - заминҳои буттазор 26783 га, - заминҳои ботлоқзор 165 га, - заминҳои зери об 104343 га, - роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар 16151 га, - заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо 25416 га ва майдони дигар заминҳо 1075793 га-ро ташкил медиҳад.

Самаранокии истифодаи замин дар кишоварзӣ талаб менамояд, ки он аз таъсири техногенӣ ҳифз карда шавад. Фишори баланди техногенӣ ба пӯшиши хокӣ на ҳама вақт аз ҷиҳати экологӣ мувофиқ

аст. Ба суст шудани корҳои рекултиватсионӣ ба биёбоншавӣ оварда мерасонад. Зарур аст, ки қоидаҳои агротехникӣ риоя гардида, мелиоратсия гузаронида шавад, поруҳои минералӣ ва органикиро сарфакорона истифода бурда, воситаҳои ҳифзиро ба кор бурдан лозим аст. Вагарна хок вазифаи асоси экологии худро, ки он хосилхезӣ мебошад, гум мекунад.

Таъсири зараровари нуриҳои минералӣ дар он аст, ки дар натиҷаи истифодаи интенсивии поруҳо дар муҳити табиӣ элементҳои химиявӣ паҳн мешаванд ва вайрон шудани гардиши моддаҳоро роҳандозӣ менамояд.

Васеъ истифода бурдани заҳрхимикатҳо ва баланд намудани меъёри истифодаи нуриҳои минералӣ дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ боиси ҷамъ шудани миқдори таҳшониҳо аз заҳрхимикатҳо мегардад, ки ба хусусиятҳои агрофизикии хок таъсири манфӣ мерасонанд. Аккумулятсияи ин таҳшониҳо ба обҳои зеризаминӣ ва хок таъсир мерасонад.

Фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои истихроҷи маъдан боиси пайдо шудани хоктӯдаҳо, партовгоҳҳои радиоактивӣ ва карерҳо дар майдони васеъ бо тағйирдиҳии манзара ва расонидани зарар ба экологияи минтақаҳои кӯҳӣ гаштааст. Мушкилоти калони миқёси вилоятӣ ин мавҷуд будани партовгоҳҳои радиоактивӣ, хоктӯдаҳои радиоактивии каммаъдан аст. Шумораи зиёди мавзеъҳои бо партовҳои радиоактивӣ гӯронида бо борону сел шуста шудани онҳо мегардад. Дар натиҷаи шусташавӣ ифлосшавии хок, обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ бо моддаҳои радиоактивӣ мегардад. Имрӯз дар қаламрави вилоят ҳашт партовгоҳи радиоактивӣ ба қайд гирифта шудааст, ки майдони умумии онҳо 170 га-ро ташкил медиҳад. **Партовгоҳи радиатсионии Деҳмой ба** маҳалли аҳолинишин 1,5-2,0 км ва аз дарёи Сир дар масофаи 9 км, дар теппаи Рухак ҷойгир шудааст. Дар айни замон сатҳи хушкшудаи партовгоҳ, манбаи ҷудошавии гази радон аст. Бо назардошти ба партовгоҳ наздик будани маҳалҳои аҳолинишин ва майдонҳои кишоварзӣ хавфи ифлосшавии маҳсулоти кишоварзӣ бо радон ба қайд гирифта мешавад.

***Заминҳои вайроншуда*** ин вайроншудани хосияти табиии замин ва қабатҳои ҳосилхезии он аст. Аз мундариҷаи сарчашмаи илмие, ки марзии Тоҷикистони Шимолиро мӯхта шудааст, бармеояд, ки сабабҳои асосии вайроншавии заминҳо ин:

- истеҳсоли канданиҳои гуногуни фоиданоки табиӣ;
- миқдори истифодаи барзиёди нуриҳои минералӣ;
- обшорнамоии берун аз меъёрӣ аст

Ҷадвали1

Таснифоти заминҳои вайроншуда

| Сабаби ба вуҷудоӣ | Намуди вайроншавӣ | Маҳал, мавзеъ |
|---|---|---|
| Истеҳсоли маҳсулотҳои шағалу қум бо усули кушод | Карерҳо, хоктеппаҳо, чӯкидаҳо, котловинаҳо, платошакл ва канёншакл | Маҳрам, Баҳмал, Ашт, Ошоба, Булок, Сомгар, Палос, Ҳамрообод, Мирзаработ, Спитамен,Ҷ.Расулов, Бӯстон (Чкаловск), Овчи-қалача, Қарачқум, Конибодом, Исфара, Курғонча |
| Истеҳсоли сангҳои рӯйкаши бо усули кушод | Фурӯхамида, карерҳо. | Ровакон, Қуруқсой, Консой, Бегобот, Далён, Муғул. |
| Истеҳсоли қӯрғошим, руҳ, нукра, тилло, флю-орит, бо усули кушод. | Карерхо, карерхои калонтархи чукур, платошаклвrepresentation канёншакл | Тариэкон, Дарбоза, Такели, Наугарзан, Апрелевка, Чойрухдарон |
| Истеҳсоли металлҳои ранга бо усули шахтагӣ | Хоктеппаҳо, фурӯхамидаҳо, платошакл ва фурӯғалтида | Чойрухдарон, Адрасмон, Чукурдҷилга, Замбарак, Тари-Экон, Каноай, Дарбази Ҷанубӣ, Кунчок, Такели, Куруксой, Кандҷол, Чолота, Зарнисор |
| Истеҳсоли элементҳои радио активӣ бо усули шахтагӣ ва кушод | Фурӯхамида, шахтҳо, карерҳо, плато шакл ва каненшакл | Саримсахли, Истиклоли Нау кухна (Табошар), Мугул |
| Коркарди канданиҳои фоиданок | Хвостохранилишҳо | Адрасман 1.2.Консой, Чойрухдарон, Зарнисор, Бӯстон |
| Истеҳсоли ангишт, нефт бо усули шахтагӣ | Хоктеппаҳо, шахтаҳо, майдончаҳо барои кашидани нефт, чукурихои об канда, деформатсияхо | Шӯроб, Нефтобод, Ким, Айратон, Маданият, Селроҳа |
| Истеҳсоли сангҳои қимматбаҳо бо усули шахтагӣ ва кушод | Хоктӯдаҳо, шахтаҳо, ҷуйҳо, ғорҳо, шурфҳоикалонтар | Бирюзакон, Долона, Адрасмон, Канҷол |

| | | |
|---|---|---|
| Истеҳсоли намак бо усули кушод | Хоктеппаҳо, ҳавзаҳои фурӯхамида, фурӯхамидаҳо ва карстҳои деформатсионӣ | Кони намак, Оқсуқон, Бахмалтеппа, Супетоғ |
| Минтақаи подпори обамбор | Зериобмонӣ, шӯрхокшавӣ, обҳавзваҳавзҳо | Соҳили чапиобамбори Баҳри Тоҷик, Катаган Қистақӯз, Гулистон, Маданият, Хамирчу |
| Минтақаи шӯршавии интенсивнокӣ дуввумин маротиба | Солончакҳо, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ | Дашти Гуруснаи поёнӣ, Исфараи поёни, Фарҳоди поёнӣ |
| Минтақаи сохтмонӣ | Буридани доманаҳо, ҷинсҳои доманагии техногенӣ, карерҳо, | Истиқлол (Табошар) -Зарнисор, Понғоз-Ангрен, Мулломир-Ангрен, Пазман-Адрасмон, Адрасмон-Тавокваға. |

***Мелиоратсияи заминҳо*** -системаи чорабиниҳои техникӣ, агрономӣ ва ташкилӣ, ки барои бартараф намудани шароити номусоид истеҳсоли хоҷагии кишоварзӣ равона карда мешавад. Мелиоратсияи замин ба маънои аслиаш ин мӯътадил сохтани сохтори хок ва баланд бардоштани ҳосилнокии он, тағйир додани таркиби замин ё қабатҳои алоҳидаи он мебошад. Мелиоратсияи мӯътадил илман тасдиқ гашта, маҳсулнокии биологии хокро то 2 – 2,5 маротиба баланд мегардонад.

**Рекултиватсияи замин** - чорабиниҳои комплексии экологӣ, иқтисодии барқарорнамоии сарватҳои заминӣ аст, ки имрӯз маҳсулнокиаш то сатҳи назаррас паст шудааст, аст.

**Беҳтар кардани ҳолати экологии сарватҳои заминӣ**

- Мубориза бар ҷараёнҳои эрозионӣ;
- Бартарафнамоии омилҳои асосии заифшавии маҳсулнокии хокҳо;
- Маҳдуднамоии истифодаи интенсивии пестистидҳо ва риояи меъёри истифодаи нуриҳои минералӣ;
- Истифодаи нишондодҳои меъёрҳои чарогоҳи дар чарронидани чорво;
- Роҳандозии чорабиниҳои зиддиэрозионӣ, зидидефелятсионӣ ва чорабиниҳои муҳандисӣ-геологӣ
- Пурзӯр кардани талаботи қонунгузории ҳифзи табиат ва “Кодекси замин”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Омилҳои антропогение, ки дар раванди фаъолияти хоҷагидории одамон ба амал меоянд, дар бисёр ҳолатҳо ба худи одам, ба ҳаёт ва саломатии вай таъсири манфӣ мерасонанд. Таъмин рушди устувор ва роҳандозии оқилонаи фаъолияти хоҷагидории инсон яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад ва он мунтазам ба натиҷаҳои илмӣ ниёз дорад.

Аз ин рӯ, имрӯз самтҳои перспективии тадқиқоти илмии қаламрави вилояти Суғд инҳо ба ҳисоб мераванд:

- Назорати қатъӣ ба ҷойгиршавии нуқтаҳои аз қаър фаъолияти истеҳсолкунандаи сарватҳои зеризаминӣ доранд;
- Таҳияи барномаи дарозмуддат оид ба истеҳсоли канданиҳои фоиданок;
- Омӯзиши шароити иқлимӣ ва геоморфологии регионҳои дорои заминҳои вайроншуда;
- Бо назардошти тавсифи шароити табиӣ –географӣ пешниҳоди заминҳои рекултиватсияшуда ба дигар намуди истифодаи замин;
- Арзёбии эҳтимолиятҳои гуногуни истифодаи такрории заминҳои вайроншуда;
- Коркарди меъёрҳои индивидуалӣ дар истифодаи такрории заминҳои вайроншуда

## ПАЙНАВИШТ


1. Ҳисоботи кумитаи заминсозии вилояти Суғд. ф.№6. 2014.
2. Забиров Р.Ғ., Экология: Китоби дарси барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. –Душанбе: Эр-граф, 2013.- 480с.
3. С.Я.Абдурахимов. Геоэкологические проблемы техногенеза на территории Северного Таджикистана. Перм. Изд. Пермского университета, 2003.142 с.


## LITERATURE


1. Report of Sughd oblast land committee. ф.№6. 2014.
2. Zabirov RG, Ecology: A textbook for university students. –Dushanbe: Er-graf, 2013.- 480 p.
3. S.Ya. Abdurahimov. Geoecological problems of technogenesis in the territory of Northern Tajikistan. Perm. Izd. Perm University, 2003.142 p.